# Тақриз

**ба автореферати Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар мавзуи “Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ**

Пеш аз ҳама қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз бахшҳои муҳими таҳсилотро дар ҷомеаи муосир ин таҳсилотӣ динӣ ташкил медиҳад. Аз ин хотир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи таҳсилоти динӣ ва алоқамандии он ба таҳсилоти дунявӣ якчанд санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Тамоми ҷанбаҳои таҳсилоти динӣ ва алоқамандии он бо таҳсилоти дунявӣ дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” ва “Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин” мебошад, ки тамоми самтҳои ин масъаларо дар бар мегирад. Дар консепсия оид ба таҳсилоти босифати динӣ, қоидаҳои рафторро муайян намуда, ахлоқи шахсро ташаккул дода, шахсияти дорои олами бойи маънавиро тарбия менамояд, оварда шудааст. Инчунин дар консепсия ҷанбаҳои гуногуни таҳсилоти расмии динӣ ва хусусиятҳои он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон дарҷ гардидаанд.

Диссертант дар автореферати диссертатсия мафҳум, моҳият ва хусусияти таҳсилоти диниро таҳқиқ намуда, ҷойгоҳи таҳсилотӣ диниро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон вобаста ба сарчашмаҳои илмӣ ва тадқиқотҳо андешаҳои худро иброз намудаст. Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки таҳсилоти динӣ бояд тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намояд ва барои танзими ҳаёти динии ҷомеа, назорати риоя ва иҷроиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи дин мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба дин амал мекунад. Ҳамзамон муаллиф барои муносибати мувофиқи таҳсилоти динӣ бо таҳсилоти дунявӣ тавсияҳо ва пешниҳодҳои ҷолиби диқат менамоянд.

Аз таҳлили матни пурраи автореферат бармеояд, ки муаллиф таҳсилоти расмии диниро аз таҳсилоти ғайрирасмии динӣ ҷудо намуда, қайд менамояд, ки мутаассифона, имрӯз низ дар Тоҷикистон таҳсилоти ғайрирасмии динӣ ба мушоҳида мерасад, наврасону ҷавонон дар ин муҳити иҷтимоӣ баробари гирифтани донишҳои динӣ ба равияҳо ва мазҳабҳои ғайрианъанавӣ гаравида, дар онҳо ғояҳои ифротгароӣ ташаккул меёбанд. Ифротгароёни динӣ барои расидан ба мақсадҳои худ асосан ба ҷавонони фанатики дин, дорои саводи пасти динию дунявӣ ва зудбовару мушкилидор таваҷҷуҳ менамоянд. Тавассути сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷавонони гумроҳ ваъдаҳои пучу дурӯғ дода, нисбати дин, давлат ва шахсиятҳои бонуфуз ҳар хел овозаҳои беасосоро паҳн мекунанд, бадбинӣ ва низоъҳои мазҳабиро бармеангезанд.

Лозим ва ёдоварист, ки барои муайян намудани муносибати аҳолӣ ба дин, таҳсилоти динӣ ва ифротгароии динӣ таҳқиқотҳои сотсиологӣ гузаронида шуданд. Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ маълум гардид, ки дин дар ҳаёти иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон мақоми хеле баланд соҳиб шуда, аҳолӣ ба масъалаҳои таҳсилоти динӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Муайян карда шуд, ки рушди таҳсилоти динӣ ва диншиносии илмӣ дар Тоҷикистон омили муҳими пешгирии ифротгароии динӣ ба ҳисоб мераванд

Бояд қайд намуд, ки муваффақияти шахсии диссертант аз он иборат аст, ки шахсан дар тадқиқотҳои сотсиологӣ иштирок намуда, натиҷаҳои асосии тадқиқот дар якчанд конфронсҳои илмӣ-назариявӣ ва мақолаҳои илмӣ ба нашр расидаанд. Диссертатсия, минбаъд ҳамчун манбаи илмӣ-тадқиқоти дар масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва алоқамандии он бо таҳсилоти дунявӣ баромад карда метавонад.

Ҳадафи навиштани авторефератро муаллиф то охир пайгирӣ карда, вазифаҳои дар автореферат гузоштаро кӯшиш намудааст, ки ҳал намоянд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои дар автореферат тасвибнамуда асоснок

буда, барои тақвияти фикр аз адабиётҳои илмӣ иқтибосҳои заруриро пешниҳод менамоянд.

Дар кори илмии пешниҳоднамудаи Муҳаммадқодири Наҷмуддин чунин эродҳо ба назар гирифта шудаанд: Дар боби якуми зербоби аввал муаллиф, ба назарияҳои сотсиологони муосир кам таваҷҷӯҳ намудааст. Агар муаллифи диссертатсия дар масъалаи муносибати таҳсилоти дунявӣ бо таҳсилоти динӣ пурсиши афкори умумро мегузаронид, боз ҳам хубтару беҳтар мебуд.

Новобаста ба эродҳои пешниҳодгардида ва тавсияе, ки болотар зикр кардем, дар маҷмӯъ муҳтавои автореферати диссертатсияи муҳақиқро кам намегардонанд ва мазмуни илмии мусбии автореферaтро тағйир намедиҳанд, зеро онҳо хусусияти ҷузъӣ доранд.

Аз таҳлилу омӯзиши матни пурраи автореферат чунин бояд хулоса кард, ки он ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Муҳаммадқодири Наҷмуддин сазовори номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи диншиносии
факултети фалсафаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Зиёев И.Ғ.

Имзои И.Ғ. Зиёевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тавқиев Э.Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * TAJIK NATIONAL UNIVERSITY * УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

12.02.2024